# Tajik State University of Commerce

## Course name: Introduction to Political Science

## Week 13: Political Consciousness and Political Culture

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 13: Шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ**

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Шурри сиёсӣ: моҳият, мазмун ва шаклҳо
2. Намудҳо ва вазифаҳои шуури сиёсӣ
3. Маданияти сиёсӣ ва нақши он дар системаи сиёсии ҷомеа

# 1. Шурри сиёсӣ: моҳият, мазмун ва шаклҳо

Шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ ду мафҳуми асосии илми сиёсатшиносӣ мебошанд, ки равандҳои сиёсӣ, муносибати шаҳрвандон ба давлат ва тарзи иштирок дар ҳаёти сиёсиро муайян мекунанд. Омӯхтани онҳо барои дарки сатҳи тараққиёти ҷомеа, устувории низоми сиёсии давлат ва рушди демократия аҳамияти бузург дорад.

Ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳам идома ва ҳам натиҷаи фаъолияти бошууронаи синфҳо, миллатҳо, табақаҳои иҷтимоӣ, шаҳрвандон ва институтҳои сиёсӣ мебошад. Аз нуқтаи назари фалсафӣ, шуур ин инъикоси ҳастии ҷамъиятӣ, образи субъективии олами объективӣ мебошад. Аз нуқтаи назари сотсиологӣ, шуур инъикоси манфиат ва тасаввуротҳои табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ, синфҳо, миллатҳо ва умуман ҷомеа дар ҳаёти маънавии одамон мебошад.

Шуури сиёсӣ қисми таркибии шуури ҷамъиятӣ мебошад. Шуури ҷамъиятӣ-маҷмӯйи усулҳои инъикоси маънавии муносибати одамон ба ҷомеа ва ба худи онҳост, ки дар натиҷаи ҳаёт ва фаъолияти умумиятҳои иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба вуҷуд меояд. Шуури сиёсӣ- инъикоси ҳастии сиёсист. Ҳастии сиёсӣ маҷмӯи тамоми ҳаёти сиёсӣ, таҷриба ва муносибатҳои сиёсӣ ба шумор меравад.

Шуури сиёсӣ характери синфӣ дорад, ҳарчанд ки дар худ шакли хусусиятнокии ифодаи манфиатҳои сиёсии онҳоро таҷассум менамояд. Тавре, ки маълум аст, сиёсат муносибати байни синфҳо оид ба ҳокимияти давлатист.

Шуури сиёсӣ инъикоси ғайрифаъоли ҳастии ҷамъиятӣ нест, чун ки он метавонад аз амалия пеш гузашта, инкишофи равандҳои сиёсиро пешгӯӣ карда, ба ҳаёти сиёсӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир расонад.

Шуури сиёсӣ зуҳуроти бисёрсоҳа мебошад. Дар таркиби шуури сиёсӣ метавонад шуури инқилобӣ, консервативӣ ва ислоҳотчигӣ бошад. Он метавонад, ки эмпирикӣ (таҷриба, амалия), назариявӣ, илмӣ, ақидавӣ, рӯирост ба шуур муқобил ва ғайра бошад.

Сатҳи назариявии шуури сиёсӣ дараҷаи нисбатан баланди шуури сиёсист, ки маҷмӯи ақидаҳо, таълимотҳоеро дар бар мегирад, ки дар асоси раванду тадқиқи муносибатҳои сиёсӣ сохта шудаанд.

Ҷои марказиро дар шуури назариявӣ идеологияи сиёсӣ ишғол менамояд. Идеология (аз юнонӣ мафҳум, идея- таълимот)- маҷмӯйи ақидаҳои синф, миллат, табақаҳои иҷтимоӣ мебошад, ки ба мубориза барои ҳокимият баҳри амалӣ сохтани мақсадҳои худ алоқаманд аст.

Дараҷаи шуури сиёсӣ дар асоси таҷрибаи ҳаррӯзаи амалӣ ташкил ёфта, нишонаҳои ҳаёту фаъолияти сиёсии ҷомеаро бевосита ба қайд мегирад. Ҳамаи ин дар ҷамъи мушоҳидаҳо, таҷрибаҳо ва тасавуротҳо, ки дар раванди сиёсӣ ба амал меоянд, инъикос мегарданд.

# Унсурҳои асосии шуури сиёсӣ

Шуури сиёсӣ аз чанд унсури муҳим иборат аст:

**Дониши сиёсӣ** — фаҳмиш дар бораи давлат, сохтори ҳокимият, қонунҳо, ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ;

**Эътиқод ва арзишҳои сиёсӣ** — боварӣ ба адолат, озодӣ, демократия, қонуният, баробарӣ ва ҳифзи ҳуқуқ;

**Эҳсос ва муносибати сиёсӣ** — муносибати мусбат ё манфӣ нисбат ба ҳодисаҳои сиёсӣ ва амалҳои ҳокимият;

**Ирода ва рафтори сиёсӣ** — омодагии шахс барои иштирок дар интихобот, мубоҳисаҳо ва дигар шаклҳои фаъолияти сиёсӣ.

## 2. Намудҳо ва вазифаҳои шуури сиёсӣ

### Намудҳои шуури сиёсӣ

Олимон одатан се намуди асосии шуури сиёсиро ҷудо мекунанд:

**Шуури шахсӣ** – фаҳмиш ва муносибати як шахс ба сиёсат;

**Шуури гурӯҳӣ** – андешаи умумии як гурӯҳ ё синф дар бораи масоили сиёсӣ;

**Шуури ҷамъиятӣ (оммавӣ)** – ҷаҳонбинии сиёсӣ ва афкори умумии тамоми ҷомеа.

# Вазифаҳои шуури сиёсӣ

Шуури сиёсӣ як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад:

**Огоҳкунанда** – ба шаҳрвандон фаҳмиш ва иттилоот дар бораи воқеиятҳои сиёсӣ медиҳад;

**Арзишӣ** – арзишҳо ва меъёрҳои рафтори сиёсиро муайян мекунад;

**Ташаккулдиҳанда** – ҷаҳонбинии сиёсӣ ва масъулияти шаҳрвандиро инкишоф медиҳад;

**Ташкилдиҳанда** – одамонро барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ раҳнамоӣ мекунад.

Муҳаққиқон, аз ҷумла К. Маркс, М. Вебер, Э. Дюркгейм ва Р. Арон, шуури сиёсиро ҳамчун оинаи инъикоси муносибатҳои сиёсӣ дар зеҳни инсон мефаҳманд.

Дар ин раванд, се сатҳи асосӣ ҷудо карда мешавад:

**сотҳи идеологӣ** (ғояҳо ва назарияҳои сиёсӣ),

**сотҳи психологӣ** (эҳсосот ва муносибати сиёсӣ),

**сотҳи рафторӣ** (амалу фаъолияти сиёсӣ).

Дар илми сиёсатшиносӣ шуури сиёсиро мувофиқи дараҷаи инкишофи он ҷудо мекунанд:

**Шуури сиёсӣ ибтидоӣ (интуитивӣ)** — асосан дар сатҳи эҳсосот ва таҷрибаи шахсӣ, бе таҳлили амиқ;

**Шуури сиёсӣ назариявӣ (илмӣ)** — бар асоси дониш, таҳлил ва омӯзиши илмӣ ташаккул меёбад;

**Шуури сиёсӣ амалии сиёсӣ** — вақте шахс дониши сиёсиро ба амал татбиқ мекунад (масалан, иштирок дар фаъолияти ҳизбӣ ё ҷамъиятӣ).

Шаклҳои шуури сиёсиро ба таври нақшавӣ чунин тасвир кардан мумкин аст:

| Гурӯҳӣ | Оммавӣ |
|---|---|
| Гурӯҳҳои калону хурд, расмию ғайрирасмӣ, синфӣ, милли, касбӣ, синнусолӣ. | а) шуури умуминсонӣ, идеологӣ, консервативӣ, авторитарӣ, радикалии чап, социал-демократӣ, анархо-синдикалистӣ, миллию ҷудоихоҳӣ, конформистӣ, буржуазию миллӣ...<br>б) шуури сиёсии ғайримарк-сиситӣ, либералию технократӣ, либералию ислоҳотчигӣ, анъа-навӣ, неоконсерватӣ, радикал-романтикӣ,<br>радикал-этникӣ. |

Ҳамин тариқ, хаёти сиёсии ҷомеа бо омилҳои бисёри бо ҳам алоқаманд муайян карда мешавад: иқтисодӣ, иҷтимоию синфӣ, муносибату манфиатҳои миллӣ, иҷтимоию психологӣ, идеологӣ, маданӣ ва ғ.

Шуури сиёсӣ на танҳо дониши инсон дар бораи сиёсат аст, балки маҷмӯи дониш, эҳсос, арзиш ва рафторест, ки фаъолияти сиёсии шахс ва ҷомеаро танзим мекунад. Тадқиқи илмии он барои рушди фарҳанги сиёсӣ, демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳамияти калон дорад.

## 3.Маданияти сиёсӣ ва нақши он дар системаи сиёсии ҷомеа

Дар маданияти сиёсӣ алоқамандии сиёсат бо маданият айён мегардад. Сиёсат фаъолият дар соҳаи муносибатҳо байни синфҳо, миллатҳо, давлатҳо мебошад.

Маданият - сатҳи муайяни таърихии инкишофи ҷомеа, қувваҳои эҷодӣ ва қобилиятнокии инсон аст, ки дар усулҳои ташкили ҳаёт ва фаъолияти одамон, инчунин дар арзишҳои моддию маънавии офаридани онҳо айён мегардад. Мафҳуми маданият дараҷаи тараққиёти ҷомеаро инъикос менамояд. Дар шакли моддӣ он ҳамчун воситаи меҳнат, технологияи истеҳсолот, меъёрҳо, санъат ва ҳуқуқ баромад мекунад.

Дар шакли маънавӣ он дар тасаввуроти гуногун оид ба олами атроф ва худи инсон, ақидаҳо, идеалҳо, назарияҳои илмӣ, идеология амалӣ мешавад. Маданият ҳамчун мафҳум ва зуҳурот бисёрҷониба аст. Аз як тараф, маданият мафҳуми ҳаёту фаъолияти одамон аст, аз тарафи дигар, худи ҳаёт ва фаъолият дар муҳити маънавии конкретию таърихӣ ба амал меояд ва бо маданият ғайримустақим гардонида мешавад.

Маданият ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ тақсим шуда, ҳамчун маданияти моддию истеҳсолӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ, бадеӣ, сиёсӣ ва ғайра падид меояд.

Маълум аст, ки маданияти сиёсӣ хамчун зуҳуроти иҷтимоӣ бо пайдошавии синфҳо ва давлат ба вуҷуд омадаст. Шарқи Қадим, Юнони атиқа, Рим ҳама сарчашмаҳои мадании азхудкунии ҳаёти сиёсиро талқин менамуданд. Пайдоиши донишҳо оид ба сиёсат, давлат, ахлоқи сиёсӣ ва маданияти идоракунии ҳаёти ҷамъиятӣ, истифодаи онҳо дар амалия ҳамчун пайдоиши маданияти сиёсӣ дар ин кишварҳо хеле инкишоф ёфта буд.

Мафҳуми «маданияти сиёсӣ» аввалин бор аз тарафи мутафаккири давраи маърифати буржуазӣ И.Г.Гердер истифода шудааст. Дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX ин мафҳум дар асарҳои олимони рус В. В. Ивановиский, М. Я. Остраградский низ вомехӯрад.

Заминаи асосии назариявии маданияти сиёсӣ аз тарафи К. Маркс ва Ф. Энгельс гузошта шуда буд. В. И. Ленин аввалин маротиба дар адабиёти марксистӣ ба мафҳуми «маданияти сиёсӣ» баъд аз инқилоби Октябр бо сабаби инкишофи давлатдории Шӯравӣ, тарбияи меҳнаткашон, ба баландшавии маданияти онҳо рӯ овард. Маданияти сиёсӣ дар дарки марксистию ленинӣ хусусияти равшан ифодаёфтаи синфӣ дорад.

Дар солҳои 50-уми асри XX, вақте ки тадқиқи ҷузъии маданияти сиёсӣ сар шуд, дар сиёсатшиносии Ғарб номҳои сиёсатшиносони амрикоӣ Г. Алмонд, С. Верба, Пауэлла маълум гаштанд. Онҳо маданияти сиёсиро ҳамчун системаи сиёсии дар дониш, ҳиссиёт ва баҳои шаҳрвандон аёнгашта мепиндоранд. Инчунин, диққати асосиро дар таҳлили маданияти сиёсӣ аслан ҷабҳаҳои субъективию психологӣ равона намудаанд. Дар сиёсатшиносии Ғарб Ж. П. Кот, Муне (Франсия), Р. Дал, Л. Пай, Розенбаум (ИМА) ва ғайра дар масъалаҳои маданияти сиёсӣ тадқиқоҳои зиёде намудаанд.

Маданияти  сиёсиро шартан ба равияҳои зерин  ҷудо менамоянд:

а) маданияти сиёсӣ  ҳамчун таҷриба; б) ҳамчун дараҷаи фаъолияти сиёсӣ; в) ҳамчун раванд, донишҳо ва ақидаҳои инсон.

Вобаста ба ин хусусиятҳоро, таърифҳои гуногуни маданияти сиёсӣ пайдо гардидааст. Дар таърихи классикии маданияти сиёсӣ, таърифи сиёсатшиносони амрикоӣ Г. Алмонд ва Пауэлл хеле машҳур дониста мешавад. Дар фаҳмиши онҳо маданияти сиёсӣ маҷмӯи том, шарти мавҷудияти тамоюлҳои фардии иштирокчиёни системаи мавҷуда мебошад. Ин соҳа омили субъективиест, ки асоси фаъолияти сиёсиро ташкил дода, онҳоро соҳиби аҳамияти муайян мегардонанд.

Вазифаи азхудкунӣ  ва дигаргунсозии муносибатҳои сиёсӣ ба манфиати синфҳо, миллатҳо, табақаҳои иҷтимоӣ. Амалӣ гаштани он бо мулоҳизаронии назариявии ҳаёти сиёсӣ ва истифодаи  донишҳои азхуднашуда дар фаъолияти амалии ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҳокимияти давлатӣ ва дигар қувваҳои сиёсӣ алоқаманд аст:

- батанзимдарорӣ, бо ёрии он консенсус тасдиқ мегардад;

- тарбиявӣ, ин вазифа ба ташаккулёбии шахсият, баландшавии шуури сиёсӣ бо роҳи иштироки бевоситаи одамон дар идоракунӣ, масъулиятнокии шаҳрвандӣ равона карда шудааст;

- пешгӯӣ, донистани вазъи маданияти сиёсии синфҳо, табақаҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои аҳолӣ, тамоилҳои арзишии ба онҳо хос ва баҳодиҳии ҳаёти сиёсӣ имконият медиҳанд, ки соҳаҳои имконпазир ва фаъолияти амалиро дар вазъияту шароитҳои конкретии иҷтимоию сиёсӣ пешбинӣ намоянд;

- мусоидатӣ, шакли алоқаи инсон ба системаи сиёсӣ, аъзоёни дигари ҷомеа, пайдарпаии наслҳо ва ҳамкории аъзоёни тамоми ҷомеаро таъмин менамояд.

Ҳоло бошад маданиятҳои хурди миллӣ, минтақавӣ, дохилисинфӣ ва байнисинфӣ маълуманд:

1. Радикалӣ - ба дараҷаи баланди маҳдудияти иҷтимоӣ ва фаъолияти баланди сиёсӣ.

2. Ислоҳотчигӣ намояндагон - зиёиони қаторӣ бо дараҷаи миёнаи маҳдудияти иҷтимоӣ, дараҷаи баланди фаъолияти сиёсӣ, ки роҳбарони сиёсӣ муносибати мусбӣ доранд.

3. Оппортунистӣ - табақаи эҷоди дараҷаи пасти маҳдудияти иҷтимоӣ ба дараҷаи баланди фаъолияти расмии сиёсӣ ва ғайрирасмӣ, ба роҳбарони расмии сиёсӣ муносибати мусбат, ба ғайрирасмӣ манфиат дошта.

Аз ин ҷо, раванди демократикунонии ҷомеа чунин нуқтаҳоро талаб мекунад:

- азнавсозии идеологияи сиёсӣ, озод намудани он аз догматизм;

- дар шуури одамон ташаккул ёфтани арзишҳои сиёсӣ ва иҷтимоию ахлоқӣ, озодӣ ба шаъни шахсият, баробарии иҷтимоӣ ва адолат, башардӯстӣ ва ватандӯстӣ;

- муносибати эҳтиёткорона ба маданияти гузашта;

- ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, муҳайё намудани шароитҳо барои паси сар намудани бегонашавӣ аз ҳокимият, таъмини ҳимояи сиёсию иҷтимоӣ;

- азнавсозии система ва илмҳои ҷамъиятӣ, ба шакли башардӯстона баргардонидани системаи таълим ва тарбия;

- қабули қарорҳои сиёсии касбӣ, кордонӣ, принсипҳои башардӯстию демократӣ, меъёрҳои хукуқ ва ахлоқ, масъулияти шаҳрвандӣ;

- ташаккули маданияти сиёсӣ ва муоширати байналмилалӣ.

Сиёсатшиносони ғарб Г. Алмонд ва С. Верба фарҳанги сиёсиро ба чунин типҳо; англо-америкоӣ, қитъавӣ-аврупоӣ, авторитарӣ-патриархалӣ, тоталитарӣ ҷудо карда, хусусияти дунявӣ доштани фарҳанги англо-америкоиро қайд намуда, сиёсатро ҳамчун раванди барпошавии манфиатҳое, ки онҳоро ҳамеша оштӣ андохтан имконпазир аст, маънидод кардаанд. Тибқи ин андеша, дар заминаи арзишҳои бунёдӣ ба баҳамгузаштнамоии умумимиллӣ расидан мумкин аст.

Марҳилаи имрӯзаи инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар роҳи демократикунонии минбаъдаи онҳо иштироки боз ҳам васеи шахрвандонро дар идоракунии корҳои давлат ва ҷомеа дарбар мегирад.

Салоҳияти баланди сиёсӣ, тайёрӣ ба амалҳои фаъол дар соҳаи сиёсат, донишҳои васеъи сиёсӣ, фаъолиятнокии сиёсиро талаб мекунад. Омӯзиши соҳаҳои гуногуни маданияти сиёсӣ барои дарки равандҳои сиёсӣ, ки дар ҷомеаи муосир ба амал меоянд, зарур мебошад.

Маданияти сиёсӣ ба рафтори одамон ва фаъолияти ташкилотҳои гуногун, баҳодиҳии гурӯҳҳои ҳукмрон ва роҳбарони алоҳидаи сиёсӣ муайян намудани ҷои худ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа таъсир мерасонад.

Таснифоти гуногун дар сиёсатшиносии Ғарб ва марксистӣ маълум аст. Сиёсатшиносони Ғарб С. Верба ва Г. Алмонд се намуди маданияти сиёсиро пешниҳод мекунанд: патриархалӣ, райиятӣ ва фаъолӣ. Ҳангоми пайвастани онҳо намудҳои омехтаи маданияти сиёсӣ, ки аз ҳама дараҷаи баланди он ба ақидаи онҳо «маданияти шаҳрвандӣ» мебошад, ба вуҷуд меояд.

а) типи патриархалӣ ё обшинагӣ, ки шаҳрвандон пеш аз ҳама ба арзишҳои маҳаллӣ, ҷамоа, авлод, қавм, деҳот такя мекунанд; онҳо ба шахсони мушаххас, пешвоён, муллою эшонҳо эътимод карда, амал менамоянд; ин тип аз системаи сиёсӣ чизеро интизор нестанд;

б) типпи раиятии маданияти сиёсӣ. онҳо нисбат ба системаи сиёсӣ фаъол нестанд; инҷо ҳама умедашро ба системаи сиёсӣ пайвандад ҳам, аз муқаррароти он дар тарсанд; шахс худро эҷодкори раванди сиёсӣ намеҳисобад;

в) навъи фаъоли маданияти сиёсӣ-иштироки фаъолонаи фардҳо дар ҳаёти сиёсист; шаҳрвандон манфиатҳояшонро тавассути интихоботҳо ҳимоя намуда ба воситаи гурӯҳи манфиатҳо, ҳизбҳои сиёсӣ дар рафти коркарди сиёсат таъсир мерасонад.

Ғайр аз ин, дар ҳаёти воқеӣ намуди омехтаи фарҳанги сиёсӣ вуҷуд дорад. Сиёсатшиносон Г. Алмонд ва С. Верба фарҳанги сиёсии шаҳрвандиро аз байни фарҳангҳои сиёсии омехта муҳим донистаанд. Намояндагони ин фарҳанги сиёсӣ:

-мавҷудияти ҳокимиятро барои ҷомеа ва худ умуман мусбат баҳо медиҳанд;

-нисбат ба фаъолияти ҳокимият таваҷҷуҳи баланд доранд;

-нисбат ба институтҳои сиёсии миллӣ онҳисси ифтихор доранд;

-муносибати баробариро нисбат ба худ аз ҷониби мансабдорони расмии давлат интизоранд;

-дар доираи рафиқу шиносҳояшон ба таври ошкоро муҳокима намудани масъалаҳои сиёсиро ҷонибдоранд;

-имконияти кушода ифода намудани андешаҳои оппазитсиониашон фароҳам аст;

-босалоҳият сиёсати давлатро баҳо дода, якҷоя бо ҳукмат ба ин сиёсат таъсир расониданро вазифаи худ медонанд;

-дар истифодабарии қонунҳои амалкунанда барои пешгирии худсарии ҳокимият салоҳият доранд;

-боварӣ доранд, ки демократия дар сохтори системаи давлатӣ зарур ва писанд аст.

Фарҳанги сиёсӣ қисми таркибӣ ва ё яке аз унсурҳои бағоят мураккаби фарҳанги умумӣ аст. Вай зуҳуроти идеологӣ, зербинои сифати муайян, тарзи фаъолияти маънавӣ ва муносибатҳои таъминкунанда, инъикоскунанда, мустаҳкам ва амалӣ гардонандаи манфиатҳои гурӯҳӣ, ҳизбӣ, синфӣ, миллист. Вай маҷмӯи андешаҳои муайяни сиёсӣ, арзиш, дониш, маҳорат ва иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти ҷамъиятӣ–сиёсӣ барои таъмини фаъолият ва инкишофи системаҳои сиёсӣ, инситутҳои сиёсӣ ва иҷтимоии меъёр ва анъанаҳо мебошад.

Гузаштагони форсу тоҷик, аз ҷумла Абунасрӣ Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино таъкид намудаанд, инсон аз рӯи табиати хеш ҳамин тавр сохта шуд, ки барои мавҷудияти хеш ба даст овардани комиллияти олӣ вай ба бисёр чизҳое ниёз дорад, ки худаш дар танҳоӣ онҳоро ба даст оварда наметавонад ва барои ин ба мавҷудияти умумияти одамон эҳтиёҷманд аст, ки ҳар кадом барои хеш ягон ашёро тайёр карда медиҳанд. Дар айни ҳол ҳар кадом нисбат ба ҳамдигар дар ҳолати якхелаанд. Фаъолияти ҳама аъзоёни ҷамъият дар маҷмуъ ба ҳар кадом он чизеро медиҳад, ки онҳо ба он эҳтиёҷ дошта, тавассути онҳо ба камолот мерасанд.

Шарти комил будани ҷамъият, агар ривоҷи истеҳсолот бошад, пас такмили онро бе инкишофи ақлу заковат, дунёфаҳмию ҳамдигаршиносӣ тасаввур кардан мумкин нест, чунки одамон дар ҷараёни зиндагӣ ба ғайр аз муносибатҳои истеҳсолӣ боз ба садҳо муносибатҳои дигар низ дучор мешаванд. Тибқи ҳар кадом навъи муносибат ақлу хиради инсон, дараҷаи шуурнокии вай тағйир меёбад.

Хусусан муносибатҳои иқтисодӣ сабаби асосии пайдоиши раванди сиёсию маънавӣ мегардад. Фаробӣ муҳити иҷтимоӣ, муносибати байни ҳамдигарии дар итиҳоди ҷамъиятии одамон ва иродаи инсониро омили ҳалкунанда дар ташаккули симои маънавии инсон донистааст.

Фарҳанги сиёсӣ ҳамчун сифати сиёсии субъектҳои гуногун: синфҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ, шахсони алоҳида, институтҳои сиёсӣ баромад менамоянд.

Пас барои дарки фарҳанги сиёсӣ, қабл аз ҳама худи фарҳанг ва навъҳои онро донистан лозим аст, чунки категорияи фарҳанг мафҳуми нодири ҳамаро фарогиранда буда, он инъикоскунандаи дараҷаи инкишофи ақлу заковат ва фаросати инсон аст. Воқеан, оламе, ки инсонро иҳота намудааст, аз унсурҳои ашёгии фарҳанги моддӣ ва объектҳои маданияти маънавӣ иборатанд.

Сиёсатшиносон Г. Алмонд ва Г. Пауэлл фарҳанги сиёсиро «маҷмӯи мавқеи фардӣ ва тавзеҳи иштирокчиёни ҳамон системаи сиёсӣ номида, онро чун соҳаи субъективии бавуҷудоранда ва амали сиёсии моҳиятбахшанда» номидаанд. Онҳо чунин унсурҳои фарҳанги сиёсиро нишон додаанд:

а) маърифатӣ – раванди ҳақиқӣ ё дурӯғ оиди объектҳо ва идеяҳои сиёсӣ;

б) тавзеҳи ҳаяҷоновар – эҳсоси робита, даъватномаи амали муқобилиятнишондиҳӣ нисбати объектҳои сиёсӣ;

в) тавзеҳи баҳодиҳӣ – муҳокима ва андешаҳо доир ба объектҳои сиёсие, ки одатан барои баҳо додан ба онҳо ва ҳодисаҳо ҳамчун меъёр истифода мебаранд.

Омӯзиши фарҳанги сиёсӣ дар шароити кунунӣ аз он хотир муҳиму замонавист, ки зиддияҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ то рафт чуқуртар гашта, мақомоти роҳбарикунанда аз мардум дуртар шуда, зиддияти манфиати гурӯҳҳои алоҳидаи сарватмандон, аз як тараф ва мақомоти назоратӣ аз ҷониби дигар, зиддияти идеологияи сиёсии пешини сотсиалистӣ бо идеологияи иқтисоди бозоргонӣ ва идеологияи сиёсии ислом бо ҳарду, қафомонии асримиёнагии аксари аҳолӣ дар ҷодаи баҳо додан ба нақши хеш онро талаб менамоянд, ки ин равандро бояд боздошт.

Сиёсатшиносон Пугачев В. П., Соловьёв А. И. дар китоби дарсиашон «Введение в политологию[1]» чунин вазифаҳои фарҳанги сиёсиро нишон додаанд.

1. Ҳаммонанднамоӣ, яъне эҳтиёҷи ҳамешагии инсон барои фаҳмиши мустақилияти хеш ба гурӯҳҳо ва муайян намудани тарзи иштирок ва ифоданамоии манфиатҳои умумияти мазкур аст. Яъне ҳар кадом шахс бояд ба кадом умумияти одамон мутааллиқ аст, донад ва ҷояшро дар он муайян намояд.

2. Мавқеъмуайянкунӣ - ҷаҳди инсон барои инъикоси моҳияти зуҳуроти сиёсӣ, дарки имконияти хеш ҳангоми амаликунии ҳуқуқ ва озодиҳо дар системаи мушаххаси сиёсист.

1. В. П. Пугачев,А. И. Соловьёв, *Введение в политологию.* Москва: Аспект-Пресс, 2000,- 314–315 с.

3. Мувофиқнамоӣ-қобилияти ба авзои доимотағйирёбандаи муҳити сиёсӣ ва шароити амалисозии ҳуқуқӣ, озодиҳои худро мувофиқ намоист.

4. Баҳамоӣ – якҷояшудан баҳри таъмини амалишавии имконияти гурӯҳҳои гуногун баҳри дар доираи системаи муайяни сиёсӣ нигоҳ доштани томияти давлат ва муносибати он ба ҷамъият, яъне тавассути системаи арзишҳо одамонро муттаҳид намудан аст.

5. Ғункунӣ (когнитивӣ) – ҷамъ намудани донишҳои сиёсист.

6. Эҳсосӣ- ташаккулдиҳандаи ҳиссиёти сиёсист.

7. Баҳодиҳӣ-арзишҳои сиёсӣ ва ғояҳои сиёсиест, ки дар асоси баҳодиҳи исиёсӣ қарор дорад.

8. Танзимнамоӣ – ба низомдарории рафтори сиёсии одамон аст.

9. Коммуникативӣ - таъмин намудани ба ҳамтаъсиррасонии ҳама субъектҳо ва институтҳои ҳокимият дар заминаи истифодабарии мафҳум, аломат ва дигар воситаҳои истифодаи ахбор ва муоширaт мебошад, яъне тавассути ин воситаҳо ҳокимияти сиёсӣ ба мардум ва мардум ба ҳокимияти сиёсӣ робита пайдо менамоянд.

## Хусусияти хоси маданияти сиёсӣ:

1. Муносибати устувор, алоҳидаи такроршуда, муносибати байни равандҳои сиёсиро қайд карда, тарафҳои устувори таҷрибаи сиёсиро мустаҳкаи менамояд.

2. Маҳсули инкишофи табиию таърихии ҷомеа, натиҷаи эҷоди сиёсии коллективӣ.

3.Доштани хусусияти умумӣ, муносибати сиёсӣ тавассути маданияти сиёсӣ «аз мағз мағзаш» гузашта, пурра гардидааст.

4. Шуури сиёсӣ ва рафтори сиёсии оммаи халқро муайян карда, ба ҳаҷми фарҳанги бузурги сиёсӣ дохил мешавад.

Фарҳанги сиёсӣ дорои чунин вазифаҳо: маърифатӣ, тарбиявӣ, танзимнамоӣ, коммуникативӣ, меъёрию арзишӣ, баҳаморӣ, муҳофизатӣ ва пешбининамоӣ аст.

Дар умум фарҳанги сиёсӣ на танҳо омили шуури ҷамъиятӣ, балки пояи устувории низоми сиёсӣ ва рушди демократӣ ба ҳисоб меравад. Паст будани сатҳи фарҳанги сиёсӣ метавонад боиси беэътиноӣ ба қонун, бесуботии сиёсӣ ва ихтилофоти иҷтимоӣ гардад. Аз ин рӯ, таҳкими фарҳанги сиёсӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

# Адабиёт


1. Пугачев, В. П., А. И. Соловьёв. *Введение в политологию.* Москва: Аспект-Пресс, 2000, 314–315 с.
2. Никколо Макиавелли, Государь и рассуждения на первые три книги Тита Ливия. - Москва, 2009, -349 с.
3. Политология. Под. ред. проф. М.А.Василика. – М., 1999. – С.231
4. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва  Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250

Ташаккури зиёд!